«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«25» августи 2020г.

ХУЛОСАИ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» дар кафедраи филологияи Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

Дар давраи омода намудани дисертатсия Ҷӯраева Замира Гулямовна унвонҷӯи кафедраи филологияи ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ санаи 7 августи 2020 дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Холов Ҷовид Шодиевич – доктори илмҳои филологӣ, директори Коллеҷи педагогии ш. Панҷакент.

**Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид**:

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ навишта шуда, масъалагузорӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба талабот ва меъёрҳои кори илмӣ-таҳқиқотӣ мувофиқат мекунанд. Дар диссертатсия масъалаҳои омӯзиш, баррасии комплексии рушди жанри ҳикояи урду ва ба мушоҳида гирифтани таҳаввули таърихии жанри мазкур, таносуби суннату навгонӣ дар жанри ҳикояи урду дар нимаи аввали асри XX баррасӣ гардидаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ** иборат аз он аст, ки хулосаҳои он дар омӯзиши ояндаи раванди таҳаввули жанри ҳикоя дар насри урдуи садсолаи XX ва таърихи адабиёти урду дар ҳамин давра метавонад мавриди баҳрабардорӣ қарор гирад.

Рисола ба мутахассисон ҳамчун маводи назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи адабиёти урду ёрии амалӣ мерасонад, зеро рисола бо назардошти дидгоҳҳои нави назарӣ оид ба арзёбии осори ҳунарӣ таълифшуда, воқеияти ҳаёти адабии Ҳиндустонро дар давраи мавриди назар бо сароҳат таҷассум мекунад.

Муҳтавои умумии рисола барои адабиётшиносии урду ҳамчун маводи назариявӣ баҳри дарёфт ва идомаи густариш ва такомули жанри хурди насрӣ, яъне ҳикояи урду метавонад заминаи корбарӣ ва мавриди истифода қарор гирад;

**Навгонии тозаи илмӣ дар рисола.** Дар ҳиндшиносии тоҷик бори нахуст таҳаввули жанри ҳикояи урду ва такомули он ба таври монографӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи комил қарор гирифтааст. Дар айни замон заминаҳои пайдоиши жанри ҳикоя, даврабандӣ ва ҷузъиёти такомули он дар ҳамбастагӣ бо таълифоти нависандагон таҳқиқшуда, дар ин замина хусусиятҳои асосии жанри ҳикоя муайян карда шудааст. Ҳамчунин бори нахуст нақш ва ҷойгоҳи жанри ҳикоя дар раванди инкишофи насри навини урду аниқ карда шудааст. Дар рисола маҷмӯи таълифоти адибони ҳикоянигори урду оид ба сарнавишти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва тақдири мардуми Ҳинд ва бозтоби андешаи фардои онон таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст, ки аз бисёр ҷиҳат бо масоили куллии насри муосир пайванд ва ҳамгир мебошад.

**Ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқот аз нуктаҳои зерин иборат аст:**

- муайян кардани мақоми жанри ҳикоя дар доираи насри урдуи солҳои 1900-1990-ум;

- пайгирииии раванди такомули ҳикояи урду дар доираи замони зикршуда;

- арзёбӣ кардани хусусиятҳои хоси ҳикояҳои Премчанд, Саодат Ҳасан Манто, Аҳмад Надим Қосимӣ, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатоӣ, Масрур Ҷаҳонр ;

- муайян сохтани заминаҳои густариш ва сарчашмаҳои илҳомпазирии жанри ҳикояи урду бо назардошти таърихи пайдоиши он;

инъикоси бадеии афкори сиёсӣ ва ичтимоиву сиёсии чомеаи Ҳинд дар осори адибон, дар мавқеи чорчӯби консепсияи бадеии инсон мавриди таҳқиқоти ҳиндушиносон хоричӣ ва ватанӣ.

**Ба сифати маводи таҳқиқ** ҳикояҳои адибони маъруфи урду Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой, Масрур Ҷаҳон баргузида шудаанд, ки замони эҷодиашон бо давраи пажуҳиши илмии мо рост меояд ва ҳамчунин гоҳо ба осори адибони шинохтаи ҳикоянавис Саодат Ҳасан Манто, Аҳмад Надим Қосимӣ, Раҷендра Сингҳ Бедӣ ва дигарон такя карда мешавад. Муаллиф таҳқиқотҳои адабиётшиносони  Точикистон, Россия, Ҳиндустон ва Аврупоро васеъ истифода намудааст.

**Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:**

1. Баррасии ташаккули жанри ҳикояи типи аврупой дар адабиёти урдуи Ҳиндустону Покистон дар асри XX.

2. Ба мушоҳида гирифтани мақоми хоси ин жанри адабӣ, таҷрибаи адабӣ-бадеии осори Исмат Чиғатой, Аҳмад Надим Қосимӣ, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Премчанд, Саодат Ҳасан Манто, Масрур Ҷаҳон. Дар таълифоти онҳо ҳикоя аз шакли очерку скетч ба маънои томаш ба жанри такмилёфтаву мустақили адабӣ- ҳикоя такомул меёбад.

3. Жанри ҳикоя дар ҷараёни такомули доимӣ ва мунтазам буда, дар маҷрои инкишофи насри хурди давраи солҳои 1900-1990-ум тавонист мавқеи муҳимеро дар насри бадеии урду ишғол намояд. Ин вижагӣ дар ҳикояҳои Премчанд, Саодат Ҳасан Манто, Аҳмад Надим Қосимӣ, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой, Масрур Ҷаҳон хело возеҳ ба чашм мехурад.

4. Таҳавулу такомули тадриҷии жанри ҳикоя шаҳодат аз он медиҳад, ки давраи сифатан нави ҳикояи урду дар шакли мукаммал  чун жанри хурди насри бадеӣ дар адабиёти урду ҷойгоҳи хоси хешро пайдо кардааст.

5. Нишон додани сабку равияҳои адабии нависандагони маъруфи урдузабони Ҳинд, аз қабили Премчанд, Кришан Чандар, Қурратулъайн Ҳайдар, Исмат Чиғатой, Масрур Ҷаҳон ва дигарон, дар эҷоди жанри ҳикоя.

Муҳтавои мавзӯи диссертатсия дар 4 маколаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсиониии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд:

[1-М] Ҷӯраева З.Г. Назаре ба осори эпикӣ, достонӣ, қисса ва қисса андар қисса [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ).- ISSN2413-516X.- Душанбе: «Сино», 2016.- С.193-196.

[2-М] Ҷӯраева З.Г. Масъалаҳои таҳаввули ҳикояи урду аз нигоҳи баъзе муҳаккикони ватанӣ ва хориҷӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ), № 2 .- ISSN2413-516X.- Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, Душанбе, 2020.- С.170-176.

[3-М] Ҷӯраева З.Г. Масъалаи пайдоиши ҳикояи ҷадид дар адабиёти урду [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ), № 3.- ISSN2413-516X.- Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, Душанбе, 2020.- С.151-161.

[4-М] Ҷӯраева З.Г. Романтизм чун ҷараёни адабӣ дар ҳикояи урду [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои филологӣ), № 4.- ISSN2413-516X.- Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, Душанбе, 2020.- С. 258-267.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он таҷассум мегардад, ки мазмуну мундариҷаи фарогирифтаи он аз лиҳози дид ва таҳлили ҳаматарафаи осори бадеӣ метавонад дар мавриди таълим ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ, мураттабсозии дастуру китобҳои дарсӣ доир ба таърихи адабиёти урдуи асри бист ва ҳамчунин гузаронидани курсҳои махсус ба хотири чуқур омӯхтани насри хурди адибони садсолаи бистуми урду чӣ дар Ҳинд ва чӣ дар Покистон истифода шавад.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти урду, таърихи адабиётшиносӣ ва накди адабӣ,

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи таърихи адабиёти урду, таърихи адабиётшиносӣ ва накди адабӣ, робитаҳои адабӣ ва иртиботи адабии адабиётҳои гуногунзабони Ҳинд ба кор гирифт;

Маводи рисоларо барои таълифи китобу дастурҳои дарсӣ, маърӯзаҳо аз таърихи адабиёти Ҳинду Покистон дар мактабҳои олӣ ва миёна метавон баҳрабардорӣ намуд.

**Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти мазкур усулҳои** муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, биографӣ, нигоришӣ ва принсипҳои таърихият ва воқеъбинии илмӣ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Диссертатсия Ҷӯраева Замира Гулямовна дар мавзӯи «Таҳаввули жанри ҳикоя дар адабиёти урду» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз руйи ихтисоси 10.01.03 - Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти урду) ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи адабиёти Ҳинди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ, тарафдор - 9 нафар, «зид» - нест, «бетараф» – нест, суратҷаласаи № 8 аз 22 августи соли 2020.

Мудири кафедраи филологияи Ҳинд
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Қурбонов Ҳ.А.

Имзои Ҳ.А. Қурбоновро тасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ Тавқиев Э.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

24-08.2020